*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 21 (4604) | ДУШАНБЕ, 6 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## НОМАҲОИ ТАСАЛЛИЯТ



**Шашуми феврали соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Туркия муҳтарам Реҷеп Тайип Эрдоган номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Хабари ба ҳалокат расидан ва ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди одамон, ҳамчунин, хисороти азими моддӣ бар асари заминларзаи шадид дар минтақаҳои ҷанубу шарқии Туркия боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Дар робита ба пайомадҳои фоҷиабори ин офати табиӣ, ҳамдардиву тассалияти самимии ҷониби моро ба Шумо, Ҷаноби Олӣ ва тамоми мардуми дӯсти Туркия иброз дошта, ба аҳли пайвандону наздикони фавтидагон сабри ҷамил ва барои ҳамаи осебдидагон шифои комил хоҳонам».



**6-уми феврали соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Арабии Сурия муҳтарам Башар Асад номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Хабари заминларзаи шадид дар кишвари дӯсти Сурия, ки боиси фавтидан ва ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди одамон гардида, хисороти ҳангуфтеро дар пай дошт, муҷиби андуҳи беандозаи мо гардид.

Дар ин лаҳзаҳои сангин ба Шумо, ҷаноби Президент ва тамоми мардуми дӯсти Сурия ҳамдардии амиқи ин ҷонибро изҳор намуда, ба пайвандону наздикони ҷонбохтагон сабри ҷамил ва барои ҳамаи осебдидагон шифои комил хоҳонам».

---

**www.president.tj**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мутобиқи моддаҳои 147 ва 149 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва моддаи 49 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаҳои хизматчиёни ҳарбӣ» **фармон медиҳам:**

1. Аз 1 марти соли 2023:

- маоши вазифавӣ (меъёрҳои тарифӣ)-и хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба андозаи 25 фоиз ва кормандони дигари ин мақомот ба андозаи 20 фоиз зиёд карда шавад;

- маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани коэффитсиентҳо барои рутбаҳои ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ ва махсуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рутбаи қаторӣ то лейтенант 995 сомонӣ ва аз рутбаи лейтенанти калон то генерали артиш 895 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатӣ, ки дар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият менамоянд, аз ҷумла мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатӣ, ба андозаи 895 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатӣ ба андозаи 995 сомонӣ муқаррар карда шавад.

2. Аз 1 июли соли 2023:

- маоши вазифавии кормандони ташкилотҳои соҳаи маориф, илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 20 фоиз зиёд карда шавад;

- андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ 20 фоиз зиёд карда шуда, 440 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва намудҳои дигари стипендия (ба ғайр аз стипендияҳои президентӣ ва курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба андозаи 20 фоиз зиёд карда шаванд;

– нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шуда, ба андозаи 250 сомонӣ муқаррар карда шавад;

– нафақаҳои суғуртавӣ, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин карда шудаанд, ба андозаи сатҳи таварруми ду соли охир баробари 16 фоиз индексатсия карда шаванд;

- нафақаҳои дигари амалкунанда, ки дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин гардидаанд, ба андозаи 20 фоиз аз меъёри нафақаи заминавӣ баробар ба 50 сомонӣ зиёд карда шаванд.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- амалигардонии фармони мазкурро дар соли 2023 аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории фонди музди меҳнат ва таъминоти нафақа пешбинишуда, маблағҳои бақияи озод, иҷрои барзиёди даромади буҷетҳои ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, инчунин аз ҳисоби сарфаи моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет, азнавтақсимкунии моддаҳои дигари хароҷот ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ таъмин намоянд;

- дар муҳлати як моҳ санадҳои худро ба фармони мазкур мутобиқ намоянд;

- ҳисобкунии музди миёнаи меҳнатро барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кумакпулӣ дар вақти аз кор рафтан, кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва ҳолатҳои дигаре, ки ба пардохти музди миёнаи меҳнат алоқамананд (ба ғайр аз нафақа), мутобиқи Тартиби ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнати корманд дар ҳамаи ҳолатҳо (пардохти кафолатнок ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ҳангоми пардохти музди муҳлати рухсатӣ, ҳангоми пардохти музди меҳнати давраи гузаронидан ба кори дигар), ба ғайр аз музди миёнаи меҳнат ҳангоми таъин намудани нафақа, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №313 тасдиқ шудааст, амалӣ намоянд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 6 феврали соли 2023, № 526**

## ШАРҲИ ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 6 - уми феврали соли 2023 таҳти № 526

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 - юми декабри соли 2022 бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ зиёд намудани маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кормандони муассисаҳои соҳаҳои маориф, илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, андозаи нафақа ва стипендияро зарур шумориданд.**

Дар робита ба ин, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» 6 - уми феврали соли 2023 таҳти №526 ба тасвиб расида, тибқи он, аз 1 - уми марти соли 2023 маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ба андозаи 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот ба андозаи 20 фоиз ва аз 1 - уми июли соли 2023 музди меҳнати вазифавии кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба андозаи 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Инчунин аз 1 - уми июли соли 2023 нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шуда, ба андозаи 250 сомонӣ муқаррар карда мешавад.

Нафақаҳои суғуртавӣ, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин карда шудаанд, ба андозаи 16 фоиз зиёд карда мешавад.

Нафақаҳои дигари амалкунанда, ки дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин гардидаанд, ба андозаи 20 фоиз аз меъёри нафақаи заминавӣ зиёд карда мешавад.

Мутобиқи ин фармон аз 1 - уми июли соли 2023 стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва намудҳои дигари стипендия ба андозаи 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Барои амалӣ намудани зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаҳои мазкур аз рӯи андозаҳои зикргардида дар соли ҷорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағҳои зарурӣ равона мегардад.

Анҷом додани тадбири мазкур баҳри боз ҳам беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, бахусус дастгирии давлатии қишри осебпазири ҷомеа дар шароити кунунии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва татбиқи ҳадафмандонаи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, равона гардидааст.

---

**www.president.tj**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шашуми феврали соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъди шарҳу тавзеҳи он аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

---

**«Садои мардум»**

## МУАРРИФИИ КАЛОНТАРИН КОДЕКС, КИ ИЮЛИ СОЛИ 2023 МАВРИДИ АМАЛ ҚАРОР МЕГИРАД

**Сеюми феврали соли равон бо ибтикори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими муаррифии Кодекси маданӣ (шаҳрвандӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони мақомоти дахлдори давлатӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор шуд.**



Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода изҳор намуд, ки кодекси зикршуда 24 - уми декабри соли 2022 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо ва дар воситаҳои ахбори омма нашр шуда, аз якуми июли соли 2023 мавриди амал қарор мегирад. Он самтҳои асосӣ ва вазифаҳоро дар соҳаи қонунгузории шаҳрвандӣ муқаррар намуда, муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, инчунин тартиби амалӣ намудани муносибатҳои молумулкӣ, ҳуқуқи молумулки зеҳнӣ, муносибатҳои корпоративӣ, шартномавӣ ва дигар уҳдадориҳоро танзим менамояд. Хусусан, дар бораи идораи замин кодекси нав ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хоҷагиҳои деҳқониро муқаррар намуда, тартиби бақайдгирии заминро сода мекунад.

Муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода, ки роҳбари Гурӯҳи кории Маҷлиси намояндагон оид ба таҳияи Кодекси маданӣ буд, доир ба зарурати таҳия ва қабули он сухан ронд. Зикр шуд, ки 26 - уми апрели соли 2013 дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ дар таҳрири нав таҳия ва қабул намудани Кодекси гражданӣ таъкид шуда буд.

Аз соли 2013 бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари давлат гурӯҳҳои кории гуногун таъсис дода шуда, якчанд лоиҳа таҳия гардид. Дар ин замина амалияи беҳтарини танзими муносибатҳои маданӣ ва иқтисодии муосир таҳлил карда шуд.

Дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми апрели соли 2019 гурӯҳи кории нав таъсис дода шуд, ки кори бисёрсоларо вобаста ба таҳияи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст намуд.

- 31- уми январи соли 2022 лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд. Лоиҳаи кодекси мавриди назар иборат аз 8 фасл, 72 боб ва 1351 модда таҳия гардид, ки он калонҳаҷм буда, муносибатҳои нави маданиро танзим, падида ва муқарраротҳи зиёди муосирро дар таҳрири нав пешбинӣ намуд, - гуфт номбурда.

Кумитаҳо ва сохторҳои Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили лоиҳаи кодекси мазкур пешниҳоди зиёд манзур намуданд. Дар натиҷа, ба он як фасл ва чор боби нав ворид шуда, аз 1351 модда, 9 фасл ва 76 боб мураттаб гардид.

Лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гашта, бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми июни соли 2022 дар хониши якум қабул шуд.

Бино ба гуфти нотиқ, пас аз қабули кодекс дар хониши якум гурӯҳи корӣ фаъолиятро идома дода, матни русии онро ба матни забони давлатӣ мутобиқ, хатоҳои имлоиро ислоҳ ва дар маҷмӯъ матни лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо риояи тартиби муқаррарнамудаи боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» такмил доданд.

Ниҳоят, кодекси мазкур 23-юми ноябри соли 2022 бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, 16-уми декабри соли 2022 аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ шуд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод дар мавзӯи «Нақши Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи муносибатҳои маданӣ ва иқтисодӣ» маърӯза намуд.

Рустам Шоҳмурод яке аз масъалаҳои калидӣ ивази истилоҳи «гражданӣ»-ро ба истилоҳи «маданӣ» арзёбӣ кард. Бино ба гуфти ӯ, аз 80 давлати дунё, ки амалияи он ба назар гирифта шудааст, дар 50 давлат вожаи аслии баромади он «civil», «цивиль» (ба маъноҳои «шаҳрвандӣ» ва «маданӣ»), дар 20 кишвари дигар калимаҳои мазмунан наздики он истифода мегарданд. Масалан, дар Ӯзбекистон истилоҳи «фуқаро», Туркманистон - «раият», Озарбойҷон - «мулк» ва Қазоқистон истилоҳи «азамат» истифода шуда, дар Афғонистон, Туркия, Урдун, Эрон ва дигар давлатҳо калимаи «маданӣ» истифода мегардад.

Вожаи «маданӣ» ифодагари моҳияти муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии субъектҳои ҳуқуқи маданӣ (гражданӣ) мебошад, ки кодекси мазкур ба танзим медарорад.

Дар чорабинӣ мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Бахтиёр Шамолиён дар мавзӯи «Меъёрҳои танзимкунандаи масъалаҳои истифодабарии замин ва фаъолияти кишоварзӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» маърӯза намуда, роҷеъ ба тағйирот дар бораи муайян намудани шаклҳои гуногуни фаъолияти кишоварзӣ, инчунин фароҳам овардани фазои мукаммали ҳуқуқӣ барои истифодабарандагони замин маълумот дод.

Дар охир миёни иштирокчиён саволу ҷавоб ва табодули андеша сурат гирифт.

---

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

## АЗ ЭҲТИЁҶИ ОМӮЗГОРОН ТО КАМБУДИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ



**- Камбуди омӯзгорон дар мактабҳои миёна эҳтиёҷ аст. Яъне, дар муассисаҳои таълимӣ пурра муаллимон ба кор таъмин гардидаанд, вале ғайритахассус ҳастанд. Вобаста ба ин масъала соли гузашта дар назди вазорат ситоди махсус ташкил шуд, ки мушкили мавҷударо дар наздиктарин фурсат ҳал хоҳем кард, - гуфт вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода зимни нишасти матбуотӣ дуюми феврали соли ҷорӣ.**

Номбурда шумораи дақиқи норасоӣ ё эҳтиёҷи омӯзгоронро дар муассисаҳои таълимӣ нагуфт, вале чанд рӯз пеш дар суҳбати телефонӣ аз маркази матбуоти вазорат ба мо хабар доданд, ки ҳоло дар мактабҳои миёнаи кишвар 3434 омӯзгор намерасад. Ҳоло дар кишвар 3967 муассисаи таҳсилоти умумӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо 126 ҳазору 354 нафар, аз ҷумла 81 ҳазору 822 нафар занон, фаъолият мекунанд.

- Ҳамасола бо маблағҳои буҷетӣ, шариконӣ рушд ва шахсони алоҳида тахминан 200 муассисаи таълимиро ба истифода медиҳем ва соли 2022-юм 22 муассисаи томактабӣ, аз ҷумла 7-то дар шаҳри Душанбе, 7-то дар вилояти Суғд, 6-то дар вилояти Хатлон ва 2-то дар ноҳияҳои тобеи марказ ба истифода дода шуд. Айни замон дар ҷумҳурӣ 707 муассисаи томактабӣ фаъолият мекунад, - афзуд Раҳим Саидзода.

**Н. НИЗОМӢ, Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**




## ҲАМА НАЗДИ ТАБИБИ ХУБ МЕРАВАНД, ЗЕРО...



**- Лаҳзаи фараҳбахш барои роҳбарият ва аҳли омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли гузашта ба истифода додани бинои маъмурӣ ва таълимии даҳошёна дар ҳудуди маҷмааи нави таълимии шаҳраки «Шифобахш»-и донишгоҳ дар «Рӯзи дониш» ва «Дарси сулҳ» 1-уми сентябри соли 2022 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, - изҳор дошт ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Гулзода Маҳмадшоҳ Қурбоналӣ зимни нишасти матбуотӣ дуюми феврали соли 2023. Рӯйдоди мазкур барои боз ҳам беҳтар шудани шароити таҳсил мусоидат намуд.**

Бино аз 62 синфхонаи таълимии барҳаво, толори компютерӣ, 90 ҳуҷраи корӣ, 26 нуқтаи ёрирасон, ду толори лексионӣ, ду толори нав ва чор озмоишгоҳи таълимӣ ҷиҳати омӯзиши нозукиҳои илми тиб иборат буда, дар заминаи он 2262 ҷойи нишасти иловагӣ фароҳам гардид.

Дар донишгоҳ соли гузашта теъдоди донишҷӯён 12189 нафар ва якҷо бо муҳассилини баъдидипломии илмӣ ва муолиҷавӣ 13397 нафарро ташкил намуд. Теъдоди муҳассилини хориҷӣ ба 1949 нафар аз 24 давлати дунё расида, шумораи онҳо ҳар сол меафзояд, зеро маблағи шартномаи таҳсил назар ба донишгоҳҳои кишварҳои ҳамсоя камтар ва муҳайё будани шароити таҳсил ба забони англисӣ дар муассисаи таълимии мо мебошад.

Аз гузориши ректор маълум шуд, ки соли гузашта донишгоҳро 1874 нафар, аз ҷумла 356 донишҷӯи хориҷӣ аз нуҳ кишвари дунё, хатм карда, ба ихтиёри Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ фиристода шуданд.

Қобили зикр аст, ки Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва барномаҳои таълимии ихтисосҳои донишгоҳ пурра аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, ба талаботи стандартҳои Федератсияи ҷаҳонии таҳсилоти тиббӣ мутобиқ гардонида, дорои сертификати мутобиқат мебошанд. Дар донишгоҳ технологияи инноватсионии таълимдиҳӣ ва мукаммалсозии баҳодиҳӣ ба сифати таҳсил татбиқ мегардад. Афзалияти ин усули таълимӣ аз он иборат аст, ки ба ташаккули фикррони мустақилонаи таҳмилии клиникии донишҷӯён аҳамияти бештар зоҳир мешавад. Дар дарсҳои амалӣ омӯзгор нақши роҳнаморо иҷро намуда, донишҷӯён бо истифодаи технологияи муосири таълимӣ - кейсҳои клиникӣ ба ҳалли мустақилонаи масъалаҳои клиникии тиббӣ машғул мешаванд.

- Мо ҳама назди табиби хуб меравем, то ин ки ба дардамон дармон бахшем. Биноан мо - роҳбарият ва аҳли омӯзгорону донишҷӯён ҳар рӯз баҳри он саъй мекунем, ки домони дониши азбаркардаамон пурратар ва ғанитар шавад, то ин ки ҳангоми табобати беморон аз он пурсамару муфид истифода намоем, - изҳор дошт Гулзода Маҳмадшоҳ Қурбоналӣ.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

## ЗАФАРОБОД. ИСТЕҲСОЛИ ПАХТА АФЗУД

**30-юми январи соли равон нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафаробод баргузор гардид.**



Раиси ноҳияи Зафаробод Раҷаб Ашӯрзода дар хусуси иҷрои буҷети ноҳия зикр кард, ки соли 2022 қисми даромади буҷети ноҳия бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба қадри 101,1 фоиз таъмин гардида, аз нақша 601,5 ҳазор сомонӣ зиёд маблағ ворид шуд. Нақшаи даромад аз андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ бошад, 44 миллиону 450 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, дар ин давра ба буҷети давлатӣ 44 миллиону 679,3 ҳазор сомонӣ маблағ ворид карда шуд, ки 100,5 фоизи дурнаморо ташкил намуд.

Инчунин, иҷрои нақшаи буҷети маҳаллӣ 108 фоиз таъмин гардид, ки аз нақша 2 миллиону 587,2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Нақшаи қисми хароҷоти буҷети маҳаллии ноҳия ба маблағи 55 миллиону 923,7 ҳазор сомонӣ иҷро гардид.

Дар ин давра истеҳсоли нахи пахта 80 ҳазору 639,6 тонна ва пунбадона 12 ҳазору 904,7 тоннаро ташкил дод.

Раиси ноҳия иттилоъ дод, ки дар ин давра истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама шакли хоҷагидорӣ ба 731 миллиону 968 ҳазор сомонӣ расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 96 миллиону 326 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Хоҷагиҳои пахтакори ноҳия дар мавсими соли 2022 дар 13943 гектар тухмиҳои серҳосили навъҳои «Мая», «Султон», «Синюза-39», «Хуҷанд-67» кишт намуда, ба корхонаҳои коркарди пахта 31020 тонна ашёи хом супорида, дурнамои солонаро ба андозаи 101,5 фоиз иҷро намуданд. Ҳосилнокии миёна дар ноҳия аз ҳар гектар 22,2 сентнериро ташкил намуда, истеҳсоли пахта ба 5506 тонна расид.

**Компони АСЛОН, «Садои мардум»**

## 40 ҲОДИСАИ НОХУШ ВА ҲАЛОКАТИ 25 НАФАР



**Сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Санъат гуфт, ки соли 2022 аз тарафи нозироти хадамот 40 ҳодисаи нохуши истеҳсолӣ ба қайд гирифта шуд. Дар натиҷа, 25 нафар ҳалок ва 46 кас ҷароҳати гуногуни ҷисмонӣ бардоштааст.**

Сабаби асосии ҳодисаҳои нохуш бемасъулиятии муҳандисони корхонаҳо, беаҳамиятии коргарон дар риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ ва набудани мутахассисони соҳавӣ мебошад.

Аз ҷониби кормандони хадамот нисбат ба шахсони масъули корхонаҳо барои риоя накардани қоидаҳои бехатарии саноатӣ 297 шахси ҳуқуқӣ, мансабдор ва воқеӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ба маблағи 1 миллиону 212 ҳазору 632 сомонӣ ҷарима шуданд. Ҳангоми гузаронидани назорати техникӣ ҷиҳати бартараф намудани камбудӣ ва қонунвайронкуниҳо 130 санад пешниҳод гардид.

Дар Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2592 корхона ва 11 ҳазору 408 иншооти зерназоратӣ ба қайд гирифта шудааст.

**Мафтуни ҲИСОРӢ, «Садои мардум»**

## БУНЁДИ 136 ИНШООТ ДАР НОҲИЯИ ДЕВАШТИЧ

**Дар ноҳияи Деваштич бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳо иборат аз 252 банд таҳия карда шуда, соли 2022-юм 136 иншоот ба истифода дода шуд. Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ, ки 31-уми январи соли ҷорӣ баргузор шуд, раиси ноҳияи Деваштич Ашӯралӣ Ҷалилзода иттилоъ дод.**

Номбурда оид ба иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет, андоз, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва соҳибкорӣ дар соли сипаришуда маълумот дода, зикр кард, ки нақшаи қисми даромади умумии буҷет барои соли 2022-юм 41 миллиону 558 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, 100,8 фоиз иҷро гардид.



Нақшаи буҷети маҳаллии ноҳия дар ин давра 105 фоиз иҷро шуда, ба ҷои 31 миллиону 105 ҳазор, 32 миллиону 657 ҳазору 503 сомонӣ андоз ҷамъоварӣ шуд.

Соли сипаришуда аз 7 намуди андоз нақшаи 6 намуди андоз барзиёд иҷро гардид.

Зикр шуд, ки дар ноҳия оид ба иҷрои Паёми Пешвои миллат доир ба беҳтар гардидани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ, аз ҷумла сармояи мустақим ба рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия, шароит фароҳам аст.

Шумораи соҳибкорон 4058 нафарро ташкил дода, 9 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида истодааст.

Ҳоло дар ноҳия 15 корхонаи саноатӣ фаъолият менамоянд. Соли 2022 аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ, хизматрасонӣ ва бахшҳои хусусӣ ба маблағи 96 миллиону 223 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23 миллиону 868 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

**Компони АСЛОН, «Садои мардум»**

## 60 МУРОҶИАТ МУСБАТ ҲАЛ ШУД

**- Соли 2022 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1191 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла 362 муроҷиати хаттӣ, 825 - электронӣ ва се муроҷиати телефонӣ ба қайд гирифта шудааст, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Бобозода.**

Номбурда иброз дошт, ки муроҷиати хаттӣ тибқи таснифот бештар ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, аз ҷумла ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар



оила тарбия гирифтан, ҳуқуқи инсони аз озодӣ маҳрумшуда, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба муҳокимаҳои одилонаи судӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, ҳуқуқ ба замин ва ғайраҳо марбут буданд.

Масъулин иттилоъ доданд, ки аз 518 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба дастгоҳи марказӣ воридгардида 38 муроҷиат мусбат ҳал гардид.

Дар давраи мавриди назар дар намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 673 муроҷиат ба қайд гирифта шудааст, ки 122 муроҷиати хаттӣ ва 551 муроҷиати шифоҳӣ мебошад.

22 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби сохторҳои маҳаллии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон қабул гардида, мусбат ҳал шуд.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

## 135 ЛОИҲАИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ АЗ ЭКСПЕРТИЗАИ ҲУҚУҚӢ ГУЗАШТ

**- Соли 2022-юм 135 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи қонунҳои намунавӣ аз экспертизаи ҳуқуқӣ гузаронида шуд. Марказ барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок намудан, мукаммалу мушаххас гардонидани механизми татбиқи қонунҳо ба субъектони ҳуқуқэҷодкунанда 623 таклиф манзур намуд, - зикр кард директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Изатулло Саидзода дуюми феврали соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ.**



Бино ба гуфти ӯ, гузаронидани таҳқиқоти илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузорӣ яке аз вазифаҳои асосии марказ ба ҳисоб меравад. Дар давраи зикршуда аз ҷониби кормандони марказ 130 мақолаи илмӣ, илмӣ - оммавӣ ва оммавӣ таҳияву нашр гардид. Ҳамзамон, бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва фаҳмондани муқаррароти асосии қонунгузорӣ аз ҷониби кормандони марказ 185 мулоқоту суханронӣ тавассути воситаҳои ахбори омма доир гардид. Таҳияи тавсияҳо дар бораи истифодаи натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи амалии онҳо вазифаи дигари марказ мебошад.

Иттилоъ гирифтем, ки кормандони марказ дар 89 конференсияи байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва форумҳо иштироку суханронӣ кардаанд.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ, «Садои мардум»**

## МАНБАЪҲОИ ПАЙДОИШИ ХАВФ БЕЗАРАР ШУД

**2-юми феврали соли 2023 нишасти матбуотии Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Раиси кумита Муҳаммадсаид Файзуллозода зикр кард, ки бо мақсади баргузории чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ бо харҷи 2 миллиону 889 ҳазору 478 сомонӣ маводи байторӣ, 411 ҳазору 918 сомонӣ маводи дератизатсионӣ, маҳлули формалин ва дигар доруворӣ харидорӣ ва ба идораҳои зертобеъ дастрас шуд.**



Соли гузашта вобаста ба бемории буғумдард дар 650 ҳазору 510 сар чорво санҷиш гузаронида шуда, дар 625 сар чорво беморӣ муайян карда шуд. Инчунин, дар ҷумҳурӣ ду ҳолати бемории сӯхтанӣ, 4 - сиёҳрон, 36 - ҳорӣ, 3 брадзоти гӯсфандон ва 4 ҳолати пастерелёзи чорвои хурди шохдор ба қайд гирифта шуда, манбаъҳои пайдоиши хавф безарар гардонида шуд.

Аз тарафи марказҳои таъминоти бехатарии озуқаворӣ шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ соли 2022 ба иншоотҳои нигоҳдорӣ, сардхонаҳо, сехҳои коркарди маҳсулоти чорводорӣ, дӯконҳои гӯштфурӯшӣ, нуқтаҳои забҳи чорво 7 ҳазору 964 аттестати байторию санитарӣ дода шуда, аз ин ҳисоб як миллиону 528 ҳазору 621 сомонӣ ва барои вайрон кардани қоидаҳои байторию фитосанитарӣ ҳангоми воридоти борҳои таҳти назорати ниҳодҳои байторию фитосанитарӣ қарордошта нисбат ба 111 соҳибкор протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, маблағҳои ҷарима дар ҳаҷми 163 ҳазору 840 сомонӣ ба буҷети ҷумҳурӣ ворид гардид.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

## ТАЪСИСИ МАРКАЗИ «ЛУБАН» - МУҲИМТАРИН РӮЙДОДИ СОЛ ДАР ДТТ

**Ба суол вобаста ба фаъолияти Парки технологии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ, ки хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» 1-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотии донишгоҳ матраҳ намуд, директори он Маҳмадамон Абдулло, аз ҷумла гуфт, ки аслан дар парк баъзе таҷҳизоте, ки натиҷаи кори илмии олимон ва донишҷӯён мебошанд, танҳо дар шакли намуна сохта мешаванд.**

- Солҳои пештар барои муассисаҳои таълимӣ таҷҳизоти лабораторӣ фанни физика сохта мешуд. Мутаассифона, соли рафта дар парки технологӣ чунин таҷҳизот истеҳсол нашуд. Дар сурати пайдо шудани фармоиш мо имкони истеҳсоли чунин таҷҳизотро дорем. Як сол қабл якҷо бо донишҷӯён дастгоҳи намунавии омехтасозии хӯроки чорво сохта шуд, ки дар Озмуни ҷумҳуриявии «Ихтироъкори беҳтарин» ҷойи намоёнро сазовор гардид, - илова намуд директори парк.



Ректори донишгоҳ Давлатзода Қудрат Қамбар таъсиси «Маркази таҷрибавӣ ва таълимоти касбии Тоҷикистону Хитой - Лубан»-ро аз рӯйдодҳои муҳими фаъолияти донишгоҳ дар соли гузашта арзёбӣ намуд. Тавре таъкид гардид, он дар доираи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» бунёд ва бо таҷҳизоти наву замонавӣ муҷаҳҳаз гардидааст.

Илова бар ин, бо ҷалби лоиҳаҳои байналмилалӣ «Озмоишгоҳи лоиҳакашӣ – истеҳсолии чопи 3D», «Озмоишгоҳи моделсозӣ дар сохтмон» ва «Озмоишгоҳи иқтисоди рақамӣ» таъсис ёфтанд.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**



## СОЛИ ГУЗАШТА 65,8 ФОИЗИ АҲОЛӢ БО ОБИ НӮШОКИИ МУТАМАРКАЗОНИДАШУДА ТАЪМИН ШУДАНД

**Сеюми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» Давлатзода Усмоналӣ иттилоъ дод, ки дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар соли 2022 ба истифодабарандагон ба миқдори 54 миллиону 882,7 ҳазор метри мукааб оби нӯшокӣ дастрас гардида, 21 миллиону 770 ҳазор метри мукааб партовобҳо баровaрда шуданд.**

Бино ба гуфти ӯ, соли 2022 аз шумораи зиёда аз 10 миллион аҳолии ҷумҳурӣ 65,8 фоиз ё ин ки 6 миллиону 579 ҳазор нафар бо оби нӯшокии мутамарказонидашуда таъмин мебошанд, ки нисбат ба соли 2021-ум 650 ҳазор нафар зиёд аст. Номбурда ҳамчунин иброз намуд, ки соли сипаригардида барои таҷдиду барқарорсозии 42 адад иншооти оби нӯшокӣ, рафъи обҳои партов ва хоҷагии манзилию коммуналии шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти мамлакат аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази ҷумҳуриявӣ 14 миллиону 500 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст, ки нисбат ба соли 2021 - ум 1 миллион сомонӣ зиёд аст. Маблағи мазкур барои сохтмону барқарорсозии иншооти коммуналии шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти вилояти Хатлон - 8 миллиону 12 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд- 2 миллиону 659 ҳазор сомонӣ, ВМКБ - 1 миллиону 380 ҳазор сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2 миллиону 270 ҳазор сомонӣ равона карда шуд.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

## ТЕЪДОДИ ОМӮЗГОРОНИ УНВОНДОР БЕШ АЗ ЧОР ФОИЗ АФЗУД

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон яке аз муассисаҳои таълимии соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб гардида, мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазирро аз рӯи 36 ихтисоси барномаи бакалавр, 10 ихтисоси барномаи магистратура, 14 ихтисоси барномаи доктор PhD ва шаш ихтисоси барномаи таҳсилоти дуюми олии касбӣ омода мекунад. Дар ин хусус ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Хайрулло Холназар зимни нишасти матбуотӣ, ки дуюми феврали соли равон доир гардид, маълумот дод.**



Ректор дар идома гуфт, ки донишгоҳ дорои ҳафт бинои таълимӣ, 142 синфхона бо 4722 ҷойи нишаст, синфхонаҳои компютерӣ, лингафонӣ, озмоишгоҳҳои таълимӣ, ба қадри зарурӣ компютеру проектор ва таxтаҳои электронию ноутбукҳо мебошад. Ҳиссаи омӯзгорони унвондор 51,1 фоизро ташкил медиҳад, ки назар ба соли гузашта 4,1 фоиз зиёд аст.

Раёсати донишгоҳ соли гузашта барои густариши ҳамкориҳо бо донишгоҳҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсил ва омӯхтани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ бо якчанд донишгоҳҳои Ҷумҳурии Халқии Хитой, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Туркия шартномаҳои дуҷониба ба имзо расонид. Соли сипаришуда 20 омӯзгору донишҷӯ, тибқи барномаи табодули академӣ, ба донишгоҳҳои хориҷӣ сафарбар шуданд.

- Мо ифтихор мекунем, ки донишҷӯи курси сеюми донишгоҳ Нуралии Эмомалӣ дар намуди гӯштии ҷудо соҳиби медали тилло ва унвони чемпиони ҷаҳон гардид, ки боиси ифтихори аҳли донишгоҳи мо мебошад, - гуфт Хайрулло Назарзода.

Ба саволи хабарнигори рӯзнома дар бобати кам шудани шумораи донишҷӯён аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ректор изҳор дошт, ки солҳои охир дар вилоятҳои ҳаммарзи ҳамсоякишвар донишгоҳу филиалҳои муассисаҳои олии таълимии шаҳрҳои марказии Ӯзбекистон таъсис ёфта, барои ҷавонони ин минтақаҳо наздик ба маҳали зисташон шароити таҳсил фароҳам омад.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

# ИШТИРОКИ ВАКИЛОН ДАР ҶАЛАСАИ РАИСОНИ КУМИТАҲОИ ПАРЛУМОНҲОИ КИШВАРҲОИ АЪЗОИ СААД



**Дуюми феврали соли 2023 дар Федератсияи Россия ҷаласаи дуюми раисони кумитаҳо (комиссияҳо)-и парлумонҳои кишварҳои аъзои СААД, ки ба салоҳияти онҳо баррасии масъалаҳои муносибатҳои байналмилалӣ, мудофиа ва амният дохил мешаванд, баргузор гардид.**

Дар он раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарлумонӣ, узви Комиссияи доимии АП СААД оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ Фарҳод Раҳимӣ, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ва намояндаи комилҳуқуқи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Бахтовар Сафарзода иштирок намуданд.

Рӯзномаи иҷлосияро ба вакилон раиси Кумитаи Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия оид ба масъалаҳои ИДМ, ҳамгироии АвруОсиё ва равобит бо ҳамватанон, узви Комиссияи доимии АП СААД оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ Леонид Калашников шарҳу тавзеҳ дод.

Дар ҷаласа масъалаҳо «Дар бораи ҳамоҳангсозии минбаъдаи фаъолияти ҳайатҳои парлумонии кишварҳои аъзои СААД дар созмонҳои байналмилалии парлумонӣ», «Дар бораи ҳамкориҳои Ассамблеяи парлумонии СААД бо созмонҳои байналмилалӣ ва дурнамои густариши шумораи нозирон ва шарикони Ассамблеяи парлумонии СААД», «Изҳороти Ассамблеяи парлумонии СААД, ки қабули онҳо дар соли 2023 имконпазир аст», «Оид ба лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Низомнома дар бораи иштироки Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар назорати байналмилалии интихобот ва раъйпурсӣ» ва «Дар бораи пешниҳодҳои эҳтимолии парлумонҳои кишварҳои аъзои СААД оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба талаботи умумии мониторинги парлумонии вазъи низомию сиёсӣ дар минтақаҳои амнияти дастаҷамъии созмон» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Вобаста ба масъалаҳои зикршуда раиси Кумитаи доимии Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Беларус оид ба корҳои байналмилалӣ, амнияти миллӣ, узви Кумитаи доимии АП СААД оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ Сергей Рачков, котиби иҷроияи Ассамблеяи парлумонии СААД, намояндаи Комиссияи иқтисодии АврuОсиё Сергей Поспелов, раиси Кумитаи Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия оид ба масъалаҳои ИДМ, ҳамгироии АврuОсиё ва равобит бо ҳамватанон, узви Комиссияи доимии АП СААД оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ Леонид Калашников, муовини раиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Арманистон, раиси Кумитаи доимии АП СААД оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ Акоб Аршакян, раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарлумонӣ, узви Комиссияи доимии АП СААД оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ Фарҳод Раҳимӣ ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода баромад карданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**«Дунё самари маърифати инсон аст». Ин таъкиди Собирҷон Зикирзода ҳамеша дар зеҳнам равшан мегардад ва ба андеша бол мебахшад. Оре, одамон бо дониш ва хирад на танҳо тафаккури худро месозанд, балки бо бунёдкорӣ дунёяшонро обод мегардонанд. Инсонҳое ҳастанд, ки лаҳзае ором надоранд, ҳамеша ба кори хайре меандешанд, дасти дармондаеро мегиранд, шарики ғаму шодии мардум ҳастанд, дар бунёди роҳе, иншооте, мактабе… саҳм мегузоранд.**



# УМРЕ ДАР ХИДМАТИ ХАЛҚ

Қаҳрамони мақолаи мо Сафар Тӯрахонов низ ҳамин гуна инсон буд. Вай хидмат ба халқро барои худ ифтихор медонист. Бо мардум нафас кашидан, ҳамроҳи онҳо кор кардану гӯшаеро обод намудан хушҳолаш мекард, тавонаш мебахшид. Ин марди шариф то охирин лаҳзаҳои умри хеш ба халқу Ватан содиқ монд ва дили саршор аз ишқи ёру диёрро дар сина мепарварид.

Норак як гӯшаи сабзу хуррам ва шаҳри нурофарон аст. Соли 1953 Сафар Тӯрахонов дар деҳаи Пехои ҳамин шаҳр чашм ба олами ҳастӣ кушод. Падараш Гадоӣ марди чеҳракушод, содадилу ростқавл буд. Вай мехост писараш Сафар хонда соҳиби маълумоти олӣ гардад ва дар миёни ҷамъият одами баобрӯ шавад. Номбурда вақте дар синфи дуюм мехонд, сохтмони Неругоҳи барқи обии «Норак» оғоз гашт ва падараш он ҷо ба кор даромад. Вай ҳар бегоҳ вақте аз кор бармегашт, ҳатман аз таҳсили фарзандонаш пурсон мешуд ва гоҳе ба Сафар бо ҷиддият мегуфт: «Агар дар мактаб нағз хонӣ, калон, ки шудӣ, раис мешавӣ». Падар бо ин гап мехост шавқи донишомӯзии писаршро бештар созад. Сафар ба рафтору гуфтори падар сахт эътибор медод ва дар мактаб ҳам бо баҳои аъло мехонд. Он солҳоро ҳамсабақи ӯ Пирмуҳаммад Сафаров ба ёд оварда мегӯяд, ки Сафар Тӯрахонов бачаи қобил буд, аъло мехонд, дар корҳои ҷамъиятӣ ташаббус нишон медод. Бо рафтору гуфтор аз дигарон фарқ дошт, хушқаду қомат, ситорагарму дидадаро буд.

Баъди хатми мактаб Сафар ба факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрӣ, ки он вақт Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон ном дошт, дохил мешавад. Соли 1971 ӯ корро дар совхози «Норак» ба ҳайси ҳисобчӣ оғоз менамояд. Кордонӣ, ростқавлӣ ва кӯшишу ғайраташро дида соли 1972 вазифаи муҳосиби хоҷагиро ба вай лоиқ мебинанд. Баъд аз хизмати ҳарбӣ иқтисодчӣ ва сариқтисодчии ҳамин хоҷагӣ мешавад.

Замони Иттиҳоди Шӯравӣ мутахассисон зина ба зина ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин мешуданд. Дар мақоми роҳбари аввали ин ё он корхона ҷавонон қариб ки ба чашм намерасиданд. Вале дар он солҳо ба таври истисноӣ донишу истеъдод ва фаъолияти ташкилотчигии Сафар Тӯрахоновро ба инобат гирифта, ӯро дар синни 26-солагӣ роҳбари совхози «Норак» таъин карданд.

Шояд буданд касоне, ки ба донишу истеъдоди ӯ шубҳа доштанд ва фикр мекарданд, ки дар ин синну сол аз уҳдаи роҳбарии хоҷагии дар он даврон машҳури «Норак» намебарояд, вале Сафар тамоми неруи ҷавонии худро барои равнақи кори хоҷагӣ бахшид. Вай дар як муддати кӯтоҳ тавонист ҳосилнокии зироат ва боғистони хоҷагиро баланд бардорад. Фаъолияти пурсамари ӯ аз чашми роҳбарони болоӣ пинҳон намонд.

Он замон Ҷаббор Расулов Котиби якуми Ҳизби коммунисти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон буд. Овозаи кордонӣ, масъулиятшиносӣ ва садоқати Сафар Тӯрахонов ба гӯши ӯ ҳам расид. Ҷаббор Расулов сарвари ҷавони хоҷагиро ба ҳузураш даъват карда, бо ӯ шинос шуд:

- Писарам, - гуфт ӯ дар вохӯрии аввал, - ту ҳоло хеле ҷавонӣ, ҳалол кор кун, бо зердастонат муносибати хуб намо. Ҳалолкорию покизагӣ инсонро ба мақсад мерасонад. Агар насиҳати моро гӯш кунӣ, ояндаи дурахшон дорӣ.

Ин суханони роҳбари онвақтаи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба Сафар Тӯрахонов неру бахшид. Вай масъулияти бештар ҳис кард. Самараи заҳматҳояш буд, ки ду маротиба аз дасти Ҷаббор Расулов раҳматнома гирифт.

Муовини сардори Озмоишгоҳи марказии ҶСК НБО «Роғун» Абдулло Сафаров бо муҳаббат кору зиндагии Сафар Тӯрахоновро ба ёд меорад: «Одами хушмуомилаву ситорагарм буданд, - мегӯяд ӯ. Суҳбати ширин доштанд, кибру ғурурро намеписандиданд, бо хурду калон як хел муомила мекарданд. Вақте директори совхози «Норак» буданд, ман дар донишгоҳ таҳсил менамудам. Ҳар гоҳ, ки бо ҳам вомехӯрдем, аз таҳсилам мепурсиданд, ташвиқ мекарданд, ки бо баҳои аъло хонаму мутахассиси хуб шуда, ба зодгоҳам баргардам.

Сафар Тӯрахонов одамони донишмандро дӯст медоштанд, эҳтиром мекарданд. Ба Давлату Ҳукумат то охирин лаҳзаи умрашон содиқ буданд. Вақте писарашон Файзалӣ Сафарзода мактаби олиро хатм карда омад, Сафар Тӯрахонов пас аз ҳоли ӯро пурсидан ва аз мақсаду ҳадафаш огоҳ шудан гуфтанд:

- Писарам, ман туро бо нони ҳалоли Давлату Ҳукумат тарбият карда ба воя расонидам. Агар сад сомонӣ ҳам маош гирӣ, корманди давлатӣ мешавӣ, барои миллату Ватани хеш кор мекунӣ, баҳри ободии кишвари азизамон заҳмат мекашӣ.

Ана, ҳамин хел инсон буд Сафар Тӯрахонов», - дар охир таъкид кард Абдулло Сафаров.

Сафар Тӯрахонов марди хайрандеш буд. Дасти корафтодагонро мегирифт, онҳоеро, ки ба мушкилие гирифтор гаштаанд, раҳнамоӣ менамуд. Мардуми Норак ӯро дӯст медоштанду ҳурмат мекарданд, дар ҳозиру ғоибаш гапи хуб мезаданд.

Соли 1984 ба вазифаи муовини сардори Идораи баистифодабарии обанборҳои Вахши Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуд. Вай дар ин вазифа низ софдилона кор кард. Сафар Тӯрахонов инсоне буд, ки хастагиро намешинохт, ӯро гӯё барои кор офарида буданд. Аз бекорӣ ор дошт, дигаронро низ таблиғ мекард, ки бекор нагарданд. Бекорию беҳудагардӣ инсонро ба ҳар роҳ мебарад, мегуфт ва ҳар гоҳе таъкид мекард, ки аз бекор ҳама безор аст. Шиори ӯ дар зиндагӣ ин байти Абулқосим Лоҳутӣ буд:

**Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,**
**К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ.**

Сафар Тӯрахоновро соли 1987 директори Комбинати хизмати маишии шаҳри Норак таъин намуданд, соли 2000-ум бошад, вазифаи Котиби якуми Ҳизби коммунисти ҳамин шаҳрро ба уҳда гирифт. Вай аз соли 2002 то 2006 мудири шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Норак буд.

Солҳои 2006 то 2009 ба ҳайси мушовири раиси ШСХК «Барқи Тоҷик» фаъолият намуда, сипас ба ҳайси мушовири директори НБО «Норак» ба номи Турсун Ӯлҷабоев кор кардааст.

Инсонҳои наҷиб ва сарсупурдаи халқу миллат дар куҷое, ки набошанд, дар кадом мақоме қарор нагиранд, бо худ файзу баракат меоранд. Сафар Тӯрахонов низ одами бафайз буд. Ба ҳар ҷое, ки роҳбарӣ кард, ба муваффақият ноил гашт, ба ҳар ҷое, ки рафт, дӯсташ доштанду эҳтиромаш намуданд. Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки ӯ инсони самимӣ ва ба кори хеш содиқ буд. Умре хидмати халқро кард ва аз худ номи нек боқӣ гузошт.

«Зиндагӣ дар садафи хеш гуҳар суфтан аст», - мегӯяд шоир. Ин гавҳар бояд дар дили шуъла фурӯ равад, сайқал пайдо кунаду гудохта нашавад. Зиндагӣ барои Сафар Тӯрахонов майдони мубориза буд, дар оташи ҳаёт обутоб меёфт, вале дар авҷи камоли умр дар синни 57-солагӣ дили шуълабораш аз задан монд. Агар имрӯз зинда мебуд, ба синни мубораки ҳафтод медаромад. Ҳаёти инсонҳо пур аз ҳикмат аст, ҳикмати умри Сафар Тӯрахонов дар хидмат ба халқу Ватан хулоса мешавад.

Имрӯз низ дар шаҳри Норак ёди ӯро гиромӣ медоранд. Рафтору гуфторашро чун намунаи ибрат барои дигарон ёдрас мешаванд. Аз некон боғ мемонад мегӯянд. Ин ҳикмат ба рӯзгори ибратбахши Сафар Тӯрахонов созгор аст.

**ВОРИС, «Садои мардум»**

## ЯРМАРКАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САВДО «СУҒД – 2023» ДОИР МЕГАРДАД

**Рӯзҳои 22 - 24-уми июни соли равон дар шаҳри Хуҷанд Ярмаркаи байналмилалии савдо «Суғд-2023» баргузор мегардад.**

Ин ҳамоиши байналмилалӣ дар ҳошияи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастгирии савдои байналмилалӣ, ба хотири баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо давлатҳои хориҷии дуру наздик, ҷалби сармоя, воридсозии технологияи нав ва густариши ҳамкориҳо миёни мамолики минтақа доир хоҳад гашт.

Дар доираи ярмарка баргузории Форуми тиҷоратию сармоягузорӣ низ ба нақша гирифта шуда, ширкату корхонаҳои истеҳсолии Тоҷикистон маҳсулоти гуногунро муаррифӣ намуда, барои дарёфти бозори нав бо шарикони рушд созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо мерасонанд.

Чунин ярмарка дар вилоят бори нуҳум доир мегардад ва соле қабл дар ин чорабинӣ беш аз 400 соҳибкор аз минтақаҳои гуногуни Федератсияи Россия, Хитой, Туркия, Эрон, Арабистони Саудӣ, Ӯзбекистон, Беларус ва Қазоқистон ширкат варзида, бо маҳсулоти дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда, инчунин зарфияту имконоти соҳаҳои саноату кишоварзӣ ошно гардида, 60 созишномаи нави ҳамкориро ба имзо расониданд.

## ЗАФАРОБОД: ЭЪТИБОР БА МУРОҶИАТИ ШАҲРВАНДОН

**Дар ноҳияи Зафаробод ҷиҳати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ба ҳалли масъалаҳои шаҳрвандон эътибори саривақтӣ дода мешавад.**

Таҳлилҳо бозгӯи онанд, ки дар натиҷаи баррасии саривақтии муроҷиатҳо ва ҳалли масоили иҷтимоии мардум солҳои охир теъдоди муроҷиаткунандагон кам мегардад. Соли 2022 ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафаробод ҳамагӣ 2616 муроҷиати хаттии сокинон ворид гардидааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 257 адад кам мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар бинои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз тарафи роҳбарияти ноҳия қабули шаҳрвандон дар рӯзҳои муайян гузаронида шуда, ҳамаи муроҷиатҳо дар муҳлати муайян мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

**Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

Аз рӯзгори одамони наҷиб

**Ҳамеша ғарқи андеша мебинам. Симои нуронӣ ва мӯи мошубиринҷӣ ба ӯ салобати хос мебахшад. Ҳамеша шитоб дорад, ҷониби коргоҳи азизаш Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон. Дар ин боргоҳи маърифат ӯро шогирдонаш интизоранд. Профессор Ҳомид Саидов баробари корҳои илмӣ-пажӯҳишӣ ба касби омӯзгорӣ дилбастагии қавӣ дорад, чунки шуғли омӯзгорӣ дар хонаводаи онҳо пешаи меросӣ аст. Бародари калониаш зиндаёд Маҷид Саидов зиёда аз сӣ сол роҳбарии мактаби зодгоҳро бар дӯш дошт ва барои фаъолияти пурсамар Аълочии маорифи халқи СССР гашта буд. Бародари дигараш Ҳамид низ яке аз омӯзгорони шинохтаи ноҳия маҳсуб меёфт. Ҳомид Саидов низ аз айёми мактабхонӣ орзуи омӯзгор шуданро дар дил мепарварид.**



# Ӯ РАҲ БА РАҲ ДОНА БА ХИРМАНИ ИЛМ АФЗУДААСТ

Он айём дар мактаби деҳаи Файзободи ноҳияи Москва (ҳоло Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) бо баҳои аъло таҳсил мекард. Офтоби бахт ба рӯи Ҳомиди ҷавон хандид. Баъд аз хатми мактаб ба факултети шарқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, бо ҳидояти устодонаш аввалин маротиба ба иншо ва таҳияи мақолаҳои илмӣ, таҳлилӣ даст зад.

Соли 1976, баъд аз хатми донишгоҳ, бо тавсияи устодон дар он даргоҳи маърифат ба кор даромад ва ба таври ҷиддӣ пайи эҷоди рисолаи илмӣ ва корҳои мукаммали тадқиқотӣ гардид. Солҳои 1979-1982 ба ҳайси тарҷумон ба Афғонистон рафт. Аз рӯзҳои аввал аз пайи омӯзиши таъриху тамаддуни мардуми кишвари ҳамсоя шуда, мавзӯи рисолаи илмии хешро ба ҳаёти мардуми он бахшид.

Солҳои 1985 - 1988 бори дуюм ӯро ба Афғонистон даъват намуданд. Ин даъфа ӯ корманди масъули ҳайати мушовирони низомии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Афғонистон буд.

Ҳомид Саидов баъди аз Афғонистон баргаштан соли 1989 рисолаи илмияшро дифоъ намуда, номзади илмҳои фалсафа гардид. Таҳқиқоти илмиро идома дода, ҳамроҳи ховаршиноси машҳури рус академик А. А. Клесов перомуни ҳаёт ва таърихи яҳудиёну паштунҳои Афғонистон китобе навишт, ки бо забонҳои русӣ ва англисӣ ба нашр расид. Ду асари таҳқиқотии дигари ӯ дар бораи муносиботи миллию фарҳангии давлатҳои Афғонистону Эрон ва як силсила мақолаҳояш низ дар маҷаллаҳои хориҷа интишор шуданд.

Ҳомид Саидов соли 2010 дар назди Академияи хизматчиёни давлатии назди Президенти Федератсияи Россия рисолаи илмӣ дифоъ карда, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ гардид. Фаъолияти мавсуф серҷабҳа аст. Аз соли 1993 то 2000 дар Консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон кор карда, солҳои 2001 то 2008 масъули барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон ва аз соли 2012 то соли 2015 мудирии кафедраи таърих ва назарияи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистонро ба зимма дошт.

Солҳои 1994-1995 дар Академияи дипломатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон таҳсил намуд. Солҳои 1995-1998 дабири аввал – консули Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Эрон буд. Як муддат сарварии идораи таҳлил ва тадқиқоти стратегии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистонро ба уҳда дошт. Соли 2008 фаъолияташро дар Сафоратхонаи Тоҷикистон дар Ҳиндустон идома дод.

Қаҳрамони матлаб муаллифи китобҳои таълимии «Курси лексияҳо доир ба материализми диалектикӣ», «Назарияи иҷтимоӣ-сиёсӣ» ва беш аз 70 пажӯҳиши илмӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, арабӣ буда, дар ҳамоишҳои байналмилалии илмӣ дар шаҳрҳои Деҳлӣ, Теҳрон, Стокголм, Женева, София ва Анқара суханронӣ намудааст.

Асарҳояш аз ҷониби олимони хориҷи кишвар баҳои баланд гирифтаанд. Масалан, китоби ӯ «Паштунҳо дар ҳошияи таърихи даҳ қавми гумшудаи Бани Исроил», ки дар Ҷумҳурии Федеративии Германия ба забонҳои русӣ ва англисӣ ба нашр расидааст, дастоварди бузург маҳсуб меёбад. Китобхонаи миллии Германия ин асари Ҳомид Саидовро дар рӯйхати адабиёти машҳури библиографии дунё дохил намуда, нусхаи англисии онро серхонандатарин китоб эълон кард.

Китоби дигари профессор Ҳомид Саидов «Афғонистон ва Эрон: тавозуни рушди этномиллӣ» ном дошта, соли 2010 дар шаҳри Москва бо забони русӣ аз чоп баромад. Он аз панҷ боб иборат буда, равандҳои этномиллӣ, омилҳои пешрафти ҷомеа дар Афғонистону Эрон, муқобилиятҳои муҷоҳиддину толибон, масъалаҳои сиёсӣ-мазҳабӣ, афзоиши аҳолӣ ва иқтисодиёт бо далелҳои дақиқ баён шудаанд.

Самти дигари фаъолияти профессор Ҳомид Саидов омӯзгорӣ аст. Ӯ тайи солҳои фаъолияти илмӣ-педагогиаш ба тарбияи кадрҳои ҷавон таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Бо роҳбарии ӯ ёздаҳ нафар рисолаи номзадӣ дифоъ намудаанд ва панҷ унвонҷӯи дигар дар арафаи ҳимояи рисолаҳои илмӣ мебошанд.

Профессор Ҳомид Саидов барои фаъолияти пурсамараш бо ордени «Барои хизмати Ватан», медали «70 - солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ», медали «Аз халқи шукргузори Афғонистон», унвонҳои Корманди фахрии таҳсилоти олии Федератсияи Россия, Корманди шоистаи маълумоти олии Федератсияи Россия ва Ифтихорномаи Вазорати маорифи Тоҷикистон қадр шудааст.

Роҳи умри Ҳомид Саидов пур аз баракат аст. Ӯ раҳ ба раҳ рафтаву дона-дона ба хирмани илмаш афзудааст.

**Маҷид САЛИМ, нависанда**

# ДУ МУШКИЛИ ЯК ҶАМОАТ

## Чаро деҳоти «Нофароҷ» кӯдакистон ва майдончаи варзишӣ надорад?




**Таҳсилоти томактабӣ аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маорифи кишвар ба шумор меравад. Дар моддаи 15-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст: «Таълиму тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади инкишофи қобилият, шавқу рағбат, хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ ва ёрии амалӣ ба падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин омода намудани онҳо ба таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба роҳ монда мешавад».**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Имрӯз вақти он расидааст, ки ба зинаи аввали низоми маориф, яъне томактабӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро дар муассисаҳои томактабӣ хишти нахустини бинои шахсият ва ҷаҳонбинии инсон гузошта мешавад». Дар баробари ин, чизи дигаре, ки дар инкишофи шахсияти кӯдакон нақши муҳим мебозад, варзиш аст. Собит шуда, ки варзиш гарави сиҳатӣ мебошад. Мутаассифона, дар деҳоти «Нофароҷ»-и шаҳри Истаравшан кӯдакистон ва майдончаи варзишӣ вуҷуд надорад. Ҷамоати деҳоти «Нофароҷ» аз 8 деҳа: Қадамҷо, Оби зулол, Нофароҷ, Даҳяки боло, Даҳяки поён, Кунҷок, Навобод ва Ширинчашма иборат буда, дар он 7 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият доранд. Кӯдакони ҷамоат ҳар сол бе омодагии томактабӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мераванд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019 - 2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда, зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ (26-уми декабри соли 2019) роҳбарони навоҳӣ ва шаҳру вилоятҳоро муваззаф намуданд, то давоми даҳ соли оянда дар деҳа ва маҳаллаҳое, ки беш аз 100 хоҷагӣ доранд, муассисаи томактабӣ, толору майдони варзишӣ бунёд созанд. Аз дастури Пешвои миллат чор сол сипарӣ шуда бошад ҳам, дар ин самт дар деҳоти «Нофароҷ» кори чашмрас анҷом напазируфт. На кӯдакистон бунёд шуд ва на майдончаи варзишӣ. Ин дар ҳолест, ки танҳо дар деҳаи Оби зулол 430 оила зиндагӣ дорад. Дар бисёр шаҳру навоҳии кишвар ин мушкилро бо ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ ҳал намуданд, ки дар натиҷа, ҳам гӯшае аз диёр обод гардид, ҳам барои кӯдакону наврасон шароити муфиди таълиму тарбия ва варзиш фароҳам омад. Чаро баҳри ҳалли мушкили зикршуда аз ин роҳу усул ҳам истифода нашуд?

Суолест, ки посухашро аз масъулин интизорем.

**Шерзод КОМИЛӢ, омӯзгори МТМУ №24-уми шаҳри Истаравшан**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413351 | Муассисаи давлатии «Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам (ВНМО)»-и шаҳри Душанбе» | Омехтаи шири кӯдак №1 ва №2 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.02.2023 17:30:00 |
| 2 | 413356 | Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии бемориҳои пӯст ва зӯҳравӣ»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.02.2023 11:00:00 |
| 3 | 413350 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Молҳои барқӣ, ранги равғанин, масолеҳи сохтмонӣ ва диоди равшанидиҳанда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 23.02.2023 16:36:36 |
| 4 | 413353 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара | Корҳои лоиҳакашии сохтмони маркази саломатӣ дар Ҷамоати деҳоти ба номи Маликоваи ноҳияи Данғара | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 24.02.2023 09:30:00 |
| 5 | 413354 | Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №104-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.02.2023 10:30:00 |
| 6 | 413357 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 39 | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.02.2023 11:45:00 |
| 7 | 413358 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №1 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.02.2023 13:40:00 |
| 8 | 413359 | Хонаи кӯдакони синни томактабии №1-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои хонаи кӯдакон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.02.2023 14:55:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ЭЪЛОН!

## ҶСП «КАФОЛАТБОНК» ДОРОИҲОИ ЗЕРИНИ ХУДРО, БИНОБАР БАРҲАМ ХӮРДАНАШ, 8-УМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 БА ФУРӮШ МЕГУЗОРАД

| т/р | Суроғаи амвол | Навъи бино | Масоҳати бино (м²) | Масоҳати қитъаи замин (м² ва га) | Маблағи арзиш (бо сомонӣ ва доллари ИМА) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | шаҳри Ҳисор, кӯчаи С. Раҷабов - 6 | Бино ва воситаҳои асосии Корхонаи истеҳсоли риштаҳои гуногуни ҶДММ «Файзи Истиқлол 2011» | 10137,6 | 20900 ,00 | 120 000 000 |
| 2 | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 22 «а» | Бинои меҳмонхона | 997,1 | 2347,0 | 16 000 000 |
| 3 | шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фучик - 88 | Бинои ҶСК «Ширкати сохтмонии Рӯдакӣ» | 454,4 | 1362,7 | 5 000 000 |
| 4 | ноҳияи Фархор, деҳаи Кокул | Бинои ҶСК «Агрофермаи Кокул» | 162,36 | | 359 500 |
| 5 | ноҳияи Фархор, Ҷамоати деҳоти Ватан, кӯчаи Сафармад | Бинои хоҷагии деҳқонии «Шаҳртеппа» | 1276,0 | | 610 008 |
| 6 | ноҳияи Восеъ, хоҷагии ба номи А. Сино, маҳаллаи Пушиёни поён | Манзили истиқоматӣ | 447,6 | 2424,0 | 141 088 |
| 7 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Қӯштеппа | Манзили истиқоматӣ | 156,0 | 1150,0 | 585 000 |
| 8 | шаҳри Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино - 4 | Базаи истеҳсолӣ | 3155,7 | 27000,00 | 5 000 000 |
| 9 | шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Лучоб, хонаи 71 | Манзили истиқоматӣ | 213,4 | 1510,0 | 470 000 |
| 10 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Садоқат | Манзили истиқоматӣ | 488,2 | 1300,0 | 3 241 392 |
| 11 | шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Деҳлавӣ, хонаи - 67/20 | Манзили истиқоматӣ | 845,5 м² | 217,0 | 3 096 683 |
| 12 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон М-3, бинои 2, ҳуҷраи 16 | Манзили истиқоматӣ | 76,1 | | 460 000 |
| 13 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад - 1, хонаи 3 | Манзили истиқоматӣ | 206 | 790,0 | 1 200 000 |
| 14 | ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзоб-Қалъа, деҳаи Шафтимиҷгон | Манзили истиқоматӣ | 293,1 | 400 | 900 000 |
| 15 | шаҳри Турсунзода, Ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаи Бештеппа | Манзили истиқоматӣ | 49,0 | 1200 ,0 | 240 000 |
| 16 | ноҳияи Кӯшониён, Ҷамоати деҳоти Бӯстонқалъа, деҳаи Орзу | Манзили истиқоматӣ | 818,0 | 1500,0 | 1 230 405 |
| 17 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Пирогов, бинои 17 «а», ҳуҷраи 2 | Манзили истиқоматӣ | 54,7 | 127,7 | 200 000 |
| 18 | шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Шукуфон, хонаи 17 | Манзили истиқоматӣ | 108,1 | 700 | 1 304 353 |
| 19 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Навобод, хонаи 53 | Манзили истиқоматӣ | 423,0 | 1590 | 3 508 350 |
| 20 | шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Чайковский, хонаи 16 | Манзили истиқоматӣ | 253, 3 | 375,0 | 577 000 |
| 21 | ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Ҷангалак | Манзили истиқоматӣ | 136,5 | 642,0 | 508 000 |
| 22 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод | Манзили истиқоматӣ | 90,6 | 341,5 | 250 000 |
| 23 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Испечак | Манзили истиқоматӣ | 256,1 | 0,16 га | 120 000 доллари ИМА |
| 24 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 44, утоқи 73 | Манзили истиқоматӣ | 110,4 | | 900 000 |
| 25 | шаҳри Душанбе, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Муғулон | Манзили истиқоматӣ | 470,4 | 1529,6 | 1 000 000 |
| 26 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов, бинои 54/7 | Манзили истиқоматӣ | 405,7 | 119,3 | 1 000 000 |
| 27 | шаҳри Душанбе, аз 3/1 ҳиссаи таҳти литери 2А1/ХП, кӯчаи Ломоносов, бинои 54/7 | Манзили истиқоматӣ | 268,6 | 525 | 600 000 |
| 28 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Чоряккорон-дара | Мағоза | 216,9 | 2880,0 | 250 000 |
| 29 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Чоряккорон-дара | Манзили истиқоматӣ | 712,9 | 0,14 га | 550 000 |
| 30 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 40/5, ҳуҷраи 42 | Манзили истиқоматӣ | 53,6 | | 500 000 |
| 31 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Саъдии Шерозӣ, хонаи 22/1, ҳуҷраи 17 | Манзили истиқоматӣ | 27,1 | | 300 000 |
| 32 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав, хонаи 136 | Манзили истиқоматӣ | 184,9 | 36,0 | 800 000 |
| 33 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Тунис, хонаи 1/2, утоқи 20 | Манзили истиқоматӣ | 27,6 | | 200 000 |
| 34 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Оби Шифо | Манзили истиқоматӣ | 139,9 | 450 | 120 000 |
| 35 | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Алибой | Манзили истиқоматӣ | 409 | 10,701 | 500 000 |
| 36 | шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Акбар, хонаи 59 | Манзили истиқоматӣ таҳти литери 3/1х | 98,8 | 300 | 200 000 |

Музояда **соати $10^{00}$** дар бинои ҶСП «Кафолатбонк» бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов – 9** баргузор мегардад. **Телефонҳо барои маълумот:** 93-737-15-89, 93-577-56-77.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 24-уми феврали соли 2023 озмуни №3-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | анбори №23 бо масоҳати 65 м² аз ҳисоби биноии №19А | анбор | 18990 | 1 сол |
| 2 | Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмология | шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ - 267 | масоҳати 66 м² аз ҳисоби тагхонаи биноии корхона | нашриявӣ | 6480 | 1 сол |
| 3 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 139 | масоҳати 8,4 м² аз ҳисоби дӯкони маводи хӯроквории №1 | савдо | 9360 | 1 сол |
| 4 | Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода - 155 | масоҳати 105,5 м² аз ҳисоби тагхонаи бино | хӯроки умумӣ | 16811 | 1 сол |
| 5 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | сехи истеҳсолӣ бо масоҳати 95,1 м² аз ҳисоби биноии №25А | истеҳсолӣ | 22610 | 1 сол |
| 6 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | анбори №6 бо масоҳати 42 м² аз ҳисоби биноии №25А | анбор | 12600 | 1 сол |
| 7 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | утоқи кории №60 бо масоҳати 24 м² аз ҳисоби биноии №14А | анбор | 7440 | 1 сол |
| 8 | Хадамоти геофизикии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко - 59 | масоҳати 28,7 м² аз ҳисоби биноии маъмурӣ ва ёрирасон | маъмурӣ ва истеҳсолӣ | 7000 | 1 сол |
| 9 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 6 | масоҳати 30 м² аз ҳисоби биноии корхона | анборхона | 7566 | 1 сол |
| 10 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 6 | масоҳати 15 м² аз ҳисоби биноии корхона | анборхона | 3113 | 1 сол |
| 11 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 6 | масоҳати 6 м² аз ҳисоби биноии корхона | сартарошхона | 2400 | 1 сол |
| 12 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 6 | масоҳати 3 м² аз ҳисоби тагхонаи биноии корхона | таъмири пойафзол | 1104 | 1 сол |
| 13 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода - 31 | масоҳати 42,2 м² аз ҳисоби биноии дуошёнаи маъмурӣ | савдо | 16000 | 3 сол |
| 14 | ҶДММ «Садаф Пласт» | ш.Хуҷанд, минтақаи саноатии шимолу шарқӣ | масоҳати 135 м² аз ҳисоби биноии корхона | истеҳсолӣ | 3200 | 3 сол |
| 15 | Муассисаи ислоҳии ЯС 3/5 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 18-ум | масоҳати 21 м² аз ҳисоби муассисаи ислоҳии ЯС 3/5 | савдо | 3780 | 3 сол |
| 16 | Муассисаи ислоҳии ЯС 3/3 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 8-ум | масоҳати 40 м² аз ҳисоби муассисаи ислоҳии ЯС 3/3 | савдо | 7200 | 3 сол |
| 17 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Насли наврас» | шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 1 | масоҳати 331 м² аз ҳисоби ошёнаи якуми биноии маркази «Ҷавонон» | хизматрасонӣ | 7800 | 3 сол |
| 18 | Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мастонгулов - 3 | масоҳати 72 м² аз ҳисоби биноии академия | нуқтаи савдои молҳои канселярӣ | 11400 | 2 сол |
| 19 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 6 | масоҳати 50 м² аз ҳисоби биноии корхона | савдо | 8300 | 3 сол |
| 20 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | анбори №19 бо масоҳати 67 м² аз ҳисоби биноии №19А | анбор | 14472 | 3 сол |
| 21 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 59 | масоҳати 24 м² аз ҳисоби ҳудуди биноии №9 | савдо | 7200 | 2 сол |
| 22 | КВД «Савдои ҳарбӣ»-и Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур - 31 | масоҳати 15 м² аз ҳисоби биноии қисми ҳарбии 0306-и ноҳияи Панҷ | савдо | 4000 | 1 сол |
| 23 | ССНК «Ваҳдатгаз» | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Хуросон - 14 | масоҳати 70 м² аз ҳисоби биноии маъмурӣ | маъмурӣ | 15000 | 1 сол |
| 24 | Раёсати филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар - 35/1 | масоҳати 290 м² аз ҳисоби биноии филиали донишгоҳ | хӯроки умумӣ | 27000 | 1 сол |
| 25 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов - 6/7 | анбори №42 бо масоҳати 45 м² аз ҳисоби биноии №32А | анбор | 10800 | 1 сол |
| 26 | МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 36 м² аз ҳисоби тарафи чапи биноии таълимии №2 | савдо | 3600 | 1 сол |
| 27 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хуҷанд | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Гагарин - 2 | масоҳати 30 м² аз ҳисоби биноии маъмурӣ | маъмурӣ | 4920 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.Ҷойи баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21. Тел: 221-73-74, 221-33-66 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1. Тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун соати **$10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун ба суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **www.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.GKI.tj** гирифтан мумкин аст.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ бо рақами бақайдгирии 19485-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Ҳисор 13-уми июни соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаи Чуқураки боло, хонаи б/р (мағоза) ба Маҷидов Шарафҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои пешбурди фаъолияти соҳибкории гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2022 ба Қодирзода Баҳроми Ҳусайн (РМА 225401505, РЯМ 0130197870) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Умед, ҳавлии № 194 ба Қамбарова Ҳафиза додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хизматии №881-и гумшуда, ки онро Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба прокурор – криминалисти шуъбаи тафтишотии Прокуратураи ҳарбии гарнизони Суғд, капитани адлия Иброҳимзода Парвиз Амриддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2017 ба Хуҷаева Хиромон Фатҳулоевна (санаи таваллуд- 2-юми августи соли 2000) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосии силсилаи Т-ШТА № 0543083-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2010 ба Салихова Шабнам Зайнидиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0353254-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён дар асоси қарори раиси ноҳияи Қубодиён таҳти №24 санаи 12-уми марти соли 2007 ба Ибрагимов Усмон Менглибоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патент бо РМА 015626362 ва РЯМ 0331234494-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Субҳонқулов Маҳмуд Раҳмонқулович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии дараҷаи А № 0196585 таҳти №152-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён 28-уми октябри соли 2006 ба Урозов Қурбон Пармонович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории манзили истиқоматии гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Абдулло Назар, ҳавлии № 317 ба Давлатова Давлатпочо Холовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ бо РМА 1830010005-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2007 ба Махсумов Бахтиёр Ғаюрович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Чиноро, ҳавлии №12 ба Давлятов Нарзулло Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Сомон, ҳавлии №466 ба Нишонов Акрам додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2017 ба Гуломова Мохистон Эмомиддиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 4-уми ноябри соли 2015 таҳти рақами қайди 25684 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулпарвар ба Қурбонов Расул Ватанович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-ШТА №0270960-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и шаҳри Норак соли 2008 ба Асоева Файзинисо Қурбоналиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи A03077711-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Панҷ 30-юми январи соли 2020 ба Машрабова Тахмина Азамҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи A03654278-и гумшуда, ки онро ШММ ШВКД-и ноҳияи Шуғнон 29-юми июли соли 2021 ба Саидҷомиев Ҷасур Мутрибшоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи БТ № 505115 –и гумшуда, ки онро Муассисаи давлатии «Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П. Бӯйдоқов» соли 1978 таҳти қайди №50 ба Қаюмов Абдуманон Норович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи A00291400-и гумшуда, ки онро ШВКД-1-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 23-юми сентябри соли 2015 ба Мирзоева Шукрона Шералиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи нафақагирии №05219-и гумшуда, ки онро РМИ ВКД -и Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004 ба Каримов А.Х. додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба КВД «Маркази хизматрасонии маҳфуздорандаи ҳисоботҳои молиявии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (РЯМ 0110015749, РМА 010090301) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2003 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи чоруми кӯчаи Айнӣ, биноии 7/1, ҳуҷраи 10 с ба Абдуллоев Исмоил додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев ва Фарзона Файзалиева*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97*

*Ба чопаш 6 феврали соли 2023, соати 17:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35520 нусха*

Навбатдори шумора
Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров